**Такриз**

ба автореферати диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич таҳти унвони “Хусусиятҳои морфологии “Ҷомеъ-ут-таворих” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ)

Дар забоншиносии тоҷик муҳаққиқон ҳанӯз аз нимаи дуюми садаи гузашта ба омӯзиши хусусиятҳои дастурии забони асарҳои ҷудогона таваҷҷӯҳ намуда буданд. Ҳарчанд дар ин муддат аз тарафи муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ забони осори зиёди гуногунжанр омӯхта шуда бошад ҳам, то ҳол хусусиятҳои забонии “Ҷомеъ-ут-таворих”-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич аз ҷумлаи нахустин кори таҳқиқотии мукаммалест, ки ба таҳқиқи хусусиятҳои морфологии “Ҷомеъ-ут-таворих” бахшида шудааст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима оид ба мубрам будани мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, методология ва методҳои таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, моҳияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарди мавзӯъ, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби аввал “Хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ” унвон гирифта, аз чор фасл иборат аст. Ҳар фасл таҳқиқи хусусиятҳои сарфии ҳиссаҳои алоҳидаи нутқро дар бар гирифта, муаллиф дар асоси маводи “Ҷомеъ-ут-таворих” ба таври мушаххас масъалаҳоро баррасӣ намудааст. Дар охири боб хулосаи он оварда шудааст, ки ба таври возеҳ масъалаҳои дар дохили боб баррасишуда хулосабарорӣ шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия “Хусусиятҳои морфологии феъл ва зарф” номгузорӣ шуда, аз ду фасл фароҳам омадааст. Фасли якум “Хусусиятҳои морфологии феъл” ва фасли дуюм “Хусусиятҳои морфологии зарф” ном доранд. Муаллифи диссертатсия дар ин боб асосан ба шаклҳои тасрифшавандаву тасрифнашавандаи феъл, феълҳои содаву сохта ва таркибӣ, зарфҳои миқдору дараҷа, тарзи амал, замон, макон, мақсад маълумот дода, дар асоси маводи “Ҷомеъ-ут-таворих” вижагиҳои морфологии феълу зарфро муайян намуда, оид ба ташаккулу таҳаввули онҳо ибрози андеша намудааст.

Боби сеюми диссертатсия “Хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои ёвар” ном дорад. Ин боби диссертатсия баррасии хусусиятҳои морфологии пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача ва нидоро дар бар гирифтааст. Унвонҷӯ дар асоси маводи “Ҷомеъ-ут-таворих”-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ хусусиятҳои морфологии ҳар як ҳиссаи ёвари нутқро дар фаслҳои алоҳида мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, дар хулосаи боб мавқеи нобаробари ҳиссаҳои ёвари нутқро дар низоми ҳиссаҳои нутқ нишон додааст.

Муаллиф дар хулосаи умумии диссертатсия андешаҳои худро доир ба дараҷаи ҳалли мавзӯъ ҷамъбаст намудааст, ки мазмуни асосии диссертатсияро дар бар гирифтааст.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферат оварда шудаанд, мувофиқ ба муқаррароти ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, моҳияти илмии диссертатсияро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Сарфи назар аз муваффақияту дастовардҳо дар автореферати диссертатсия баъзе нуқсонҳо ҷой доранд, ки таъкиди онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Миқдори иқтибосҳо дар автореферат кам оварда шудааст, хуб мешуд, барои тақвияти фикр аз иқтибосҳо бештар истифода гардад.

2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоиву китобӣ ба назар мерасанд (саҳ. 14, 19, 23).

Дар умум эродҳои номбаршуда мазмуни асосии автореферατро намекоҳонанд.

Автореферати диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ) сазовор аст.

Муовини ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон оид ба тарбия ва фарҳанг,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Қурбонмамадов С.Х.

Имзои номзади илмҳои филологӣ, дотсент Қурбонмамадов С.Х.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон Асоев С.П.

ШУЪБАИ КАДРҲО